# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА – 037-И НАЗДИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

**дар бораи диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

*Парвандаи аттестатсионии №6*

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 7-уми декабри соли 2022**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ризобоева Наргис Мамадкаримовна додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00.– Адабиётшиносӣ (10.01.08.– Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА -037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1) барои ҳимоя қабул карда шудааст.

Диссертант Ризобоева Наргис Мамадкаримовна, соли таваллудаш 1972, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1990 факултети филологияи тоҷики ИДПЛ ба номи С. М. Киров (айни ҳол ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров) дохил шуда, соли 1995 донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Солҳои 2017-2022 унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» буда, кори диссертатсиониашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Аз соли 2012 дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара ба ҳайси омӯзгор фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то инҷониб вазифаи мудирии китобхонаи донишгоҳро ба уҳда дорад.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Мирзоев Садриддин Холович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илми филология, профессор мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Сафаров Умархоҷа Раҳимович** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти навини тоҷикӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" мебошад. Дар тақризи пешниҳоднамудаи ин муассиса, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа мудири кафедраи адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», номзади илми филология, дотсент Аҳмадов Сафармад Гадомадович, ташхисгар доктори илми филология, профессори кафедраи мазкур Тағаймуродов Рустам Ҳакимович ва котиби ҷаласа саромӯзгори кафедраи мазкур номзади илми филология Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Диссертатсия ба таҳқиқи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ихтисос ёфтааст, ки дар он мавзуи пажуҳиши илмӣ мутобиқ ба талаботи меъёри маҷмуи масоили марбут ба рушди шеъри муосири тоҷик нақду баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ ҳаллу фасл намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се бобу ҳафт фасл, се зерфасл, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва номгӯйи интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи рисола иборат аст.

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» таҳқиқоти анҷомёфта буда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00.- Адабиётшиносӣ (10. 01. 08.- Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) арзанда мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, ки ҳамагӣ фарогири мавзуъву муҳтавои диссертатсия мебошанд.

**Мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

а) **мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

[1-**М**]. Ризобоева, Н.М. Вижагиҳои ҳунарии ғазалиёти Гулноз / Н.М. Ризобоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2219-5408).- Душанбе.- №3 / 80.– 2019.– С.161-164.

[2-**М**]. Ризобоева, Н.М. Баррасии бархе аз хусусиёти ашъори сапеди Гулноз / Н.М. Ризобоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2219-5408).– Душанбе, 2019.– №6 / 83.– С.127-131.

[3-М]. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои парадоксӣ дар тарҷумаҳои Фарзона/ Н.М. Ризобоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2663-5534).– Бохтар, 2021.– №1/2 (86).– С. 26-29.

[4-М]. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ/ Н.М. Ризобоева //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ / ISSN (2219-5408).–Душанбе, 2022.– №4 (99).– С.206-211.

**б) мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-М]. Ризобоева, Н.М. Сулҳ ва тафсиру тараннуми он аз нигоҳи Гулноз /Н.М. Ризобоева //Маводи конференсияи илмию амалии минтақавӣ "Ҳалли қазияҳои иқтисодӣ баҳри расидан ба рушди босуботи кишвар".– Исфара, 2019.– С.195-201.

[6-М]. Ризобоева, Н.М. Парадокс ва тасвирҳои парадоксӣ дар шеър /Н.М. Ризобоева //Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нерӯи зеҳниву сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар".– Исфара, 2020.– С.161-165

[7-М]. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои мутаноқизнамо ва ҳиссомезӣ дар ашъори Мирзо Турсунзода / Н.М. Ризобоева //Паёми навраҳони илм.– Хуҷанд, 2021.– С.213-220.

[8-М]. Ризобоева, Н.М. Использование парадоксов и поэтическое мастерство в переводах Фарзоны / Н.М. Ризобоева // "XIX Международная научно-практическая конференсия. г.Москва, Россия". Всероссийское Общества Научно-Исследовательских Разработок "ОНР ПТСайнс".– 2022.

[9-М]. Ризобоева, Н.М., Мирзоев, С.Х. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Муъмин Қаноат /Н.М. Ризобоева, С.Х. Мирзоев // Ҷустуҷӯҳои илмӣ 1. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.– Душанбе, 2022.– С.77-84.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна аз тарафи доктори илми филология, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Юсуфов У. А. нигошта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз бо дарназардошти муҳассанот дар кор ба баъзе аз камбудиҳо ишора менамояд: Дар боби сеюм фасли алоҳидае ба ашъори се бонувони тоҷик ихтисос дода шуда, хуб мешуд, ки агар ашъори бонувони дигари суханварро мавриди пажӯҳиши хеш қарор медод.

2. Тақриз ба автореферати диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна аз тарафи доктори илми филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов Хӯҷақулов С. Х. ва доктори илми филология оид ба фалсафаи (PhD) ҳамин донишгоҳ Шерназаров А.А.

нигошта шуда, ҳосили таҳқиқоти илмии унвонҷӯ муносиб арзёбӣ шудааст. Аммо муқарризон дар баробари муваффақиятҳо дар кор баъзе камбудиҳои ҷузъиро ёдовар мешаванд: Агар дар рисолаи илмии Ризобоева Н. ашъори бонувони суханвари тоҷик дар муқоисаю муқобила бо сурудаҳои бонувони кишварҳои форсизабони Эрону Афғонистон, аз ҷумла, занони суханвари тоҷикзабони Ӯзбекистон ҷараён мегирифт, хуб мебуд.

3. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз тарафи мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент номзади илми филология Мизроб Ғаффоров навишта шудааст, ки дар он пажӯҳиши диссертант кори илмии ба итмомрасида зикр гардида, баҳои мусбат дода шудааст. Муқарриз бо таваҷҷӯҳ ба комёбиҳои мавҷуда, ба бархе иштибоҳи муаллифи диссертатсия ишора кардааст. Чунончӣ: диссертант дар боби дувум ба масъалаи љойгоњи тасвирњои парадоксї дар шеъри давраи Шуравї низ руљуъ намуда, аз эљодиёти устодони назми муосир Муъмин Ќаноат, Лоиќ Шералї мисолҳо оварда шудааст, хуб мешуд ба унвони намуна аз шоирони дигари ин давра низ мисолњо барои тасвирњои парадоксї зикр мегардид. Инчунин баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳатмӣ ва зарурианд.

4. Тақриз ба автореферати диссертатсия аз ҷониби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми филология Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил навишта шудааст.

Муқарриз дар тақризи хеш автореферати рисоларо ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта ва муаллифи онро шоистаи дараҷаи илмӣ ҳисобида, пешниҳоди судманд, монанди: хуб мебуд, ки агар аз баъзе навиштаҳо ва мақолаҳои муҳимми муҳаққиқони дигар ҳамчун Умар Сафар, Рустам Ваҳҳобзода ва назарияпардози рус Леонид Иванович Тимофеев муаллифи рисола ёдоварӣ мекард. Ҳамчунин муқарриз қайд мекунад, ки ғалатҳои имлоӣ, китобӣ ва техникӣ дар автореферати рисола ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳашон дар нашри монография ҷиҳати арзиши илмии диссертатсия муфид хоҳад буд.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки дар ҳамаи тақризҳо ба автореферат муқарризон диссертатсияро таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида, рисола ва муаллифи онро сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология шуморидаанд.

Муқарризони ғайрирасмӣ низ аҳамият ва арзиши илмии диссертатсияро дар давраи истиқлолият таъкид намуда, дар баробари дастовардҳои илмӣ дар бораи истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ва вазифаҳои минбаъда дар пажӯҳиши мавзуъ пешниҳодҳои муҳим кардаанд.

**Муқарризони расмӣ** ва **муассисаи тақриздиҳанда** мутахассисони шинохтаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар соҳаи мавзуи таҳқиқот асарҳои илмӣ ба табъ расонидаанд, ки баҳову дархости онҳо дархури вусъати соҳаи илми адабиётшиносӣ мебошад.

**Муассисаи тақриздиҳанд**а яке аз марказҳои маъруфи ҷумҳурӣ ва берун аз он мебошад, ки олимонаш дар таҳқиқи пажӯҳиши масоили

мухталифи адабиётшиносӣ ва таълиму тадриси масъалаҳои мубрами он нақши назаррас доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия дархури талаботи айём мебошад ва дар ҳалли яке аз муҳимтарин вазифаҳои илмию маърифатии давр мусоидат дорад. Рисола дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти монографӣ буда, дар он заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ва нақши онҳо дар таҳаввули маъноиву ҳунарии каломи суханварон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада, барои таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик, хоса даврони истиқлол, аз ҷумла ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ барои доираи васеи муҳаққиқон ва мунаққидон, инчунин дигар гурӯҳи пажӯҳишгарону дилбохтагони маърифати шеъри имрӯз чун маводи илмӣ кумак менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** имкон дорад, ки маводи рисола ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои тартиб додани мавзуию ҳунарии шеъри муосири тоҷик, давраи истиқлол, таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода кард.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки **боби аввал – "Вижагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол"** унвон дошта, муҳимтарин меҳварҳои пажӯҳишии он дар ду фасл баррасӣ шудаанд.

Фасли якуми ин боб "Адабиёти даврони истиқлол: хусусият ва тамоюлҳои навгароӣ дар он" унвон дорад. Чунонки аз таҳлил бармеояд, омили эҷоди заминаҳои ташаккули маъноиву шаклии адабиёти замони истиқлол, аз ҷумла шеъри имрӯз бар пояи тақвияти заминаҳои сиёсиву иқтисодии давлат дар шароити нави таърихӣ густариши равобити адабӣ ва таъсири адабиёти ҷаҳон ба адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки воқеан ба тағйироти куллии фазои шеъри кунунии тоҷик як навъ таъсири матлуб гузошта, дар тавсеаи мавзуиву ҳунарии шеъри замони нав мусоидат кардааст.

Такмили ҷанбаҳои ҳунарӣ, идомаи суннатҳои муҳимми адабиёти давраи гузашта дар шеъри муосири тоҷик мавзуъҳои фалсафӣ, худшиносиву худогоҳӣ, таҷассуми афкори ҷадид ва шеваҳои хоси корбурди мафоҳим ва истилоҳоти хоси замони имрӯз нуфуз касб кардааст.

Баробари мавзуоти мазкур бозтоби падидаҳои замони истиқлол, аз ҷумла, ваҳдатгароӣ, ифтихори миллӣ, бунёди иншоотҳои муҳимми аср, чун кандани нақбҳову сохтмони нерӯгоҳҳо, воқеоти сиёсии замон ва амсоли ин ба ҳукми мавзуи меҳварии адабиёти даврони истиқлол нуфуз пайдо намуданд. Яъне, шеър ифодакунандаи рӯҳияи истиқлолият, мавзуъҳои ваҳдати миллӣ, сулҳу дӯстӣ низ рӯ йи кор омаданд, ки хоси вазъ ва рӯҳияи ҳамин замон ба шумор меравад, бозкушоӣ ва исбот намудааст.

**Фасли дувуми боби якум** “Шеъри тасвирӣ ва анвои тасвир” унвон дорад. Суханварони муосири тоҷик сар карда, аз нимаҳои аввали солҳои панҷоҳ-шастуми асри гузашта ба давом додани суннатҳои дерини адабиёт, хосса таҷрибаҳои ҳунарӣ дар навъҳои анъанавии шеър талош кардаанд. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи тасвир дар шеъри муосири тоҷик аз ҳамон дидгоҳҳое сарчашма мегирад, ки дар шеъри классикии мо ривоҷ доштааст.

Аз баррасиҳо маълум мешавад, шеъри тасвирӣ дар заминаи вуҷуди анвои тасвир ҳосил мешавад, ки моҳияти онро пайванд бо табиат ва воситаҳои тасвири бадеӣ ба вуҷуд меоварад.

**Боби дуюми рисола –** “Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик” унвон гирифта, баррасиҳои илмии он дар се фасл сурат гирифтааст.

**Фасли якуми боби дуюм** “Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури он” ном дорад, ки дар он мафҳуми парадокс ва заминаҳои пайдоиши онҳо шарҳу тафсир шудааст.

Дар китобҳои марбут ба назарияи адабиёт истилоҳоте чун муноқиза ё таноқуз ба кор рафтааст. Шамс Қайси Розӣ чунин овардааст: “Дар шеър ва соири калом он аст, ки маънии дувум мутаноқуз ва манофии маънии аввал бошад”. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ низ дар асл ҳамин шарҳи Шамси Қайси Розиро истиқбол карда ва бахше аз назароти ин донишмандро такрор намуда. Маҳмуди Футуҳӣ назари хешро роҷеъ ба пародокс ва тасвирҳои парадоксӣ ба таври зайл ҷамъбаст мекунад: “Ба таваҷҷуҳ ба ончи гуфта омад, пародукси шоирона иборат аст, аз баёни зоҳир мутаноқуз ё маҳмул, аммо ҳомили ҳақиқат, ки аз роҳи таъвил метавон ба он даст ёфт”.

**Фасли дуюми ин боб** “Ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX” ном дорад ва дар он ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар сурудаҳои намояндагони ҷудогонаи адабиёти тоҷикии садаи бист чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Фасли сеюми боби дуюм мавсум ба** “Аркон ва шеваҳои эҷоди тасвирҳои парадоксӣ” буда, дар эҷоди парадокс нақши воситаҳои тасвир, аз ҷумла ташбеҳу ташхис, муболиға ва тазод хеле муҳим аст. Барои баррасии рукнҳои аслии эҷоди тасвири парадоксӣ ва шеваҳои зуҳури он муҳимтарин равишҳои он чунин муайян шудааст:

**Шахсиятбахшии ашё ва мафоҳими отифиву маънавӣ.** Дар ин шева нақши асосиро санъати ташхис иҷро мекунад, зеро ба ҳангоми шахсиятбахшии ашё ва ҳолоти отифиву мафоҳими маънавӣ шоирон иқдоме аз худ зоҳир мекунанд, ки тасвири офаридаи онҳо бар асоси ташхиси мафоҳим ва отифаҳо, инчунин ашё воқеият касб мекунанд ва ин воқеиятҳо танҳо дар зеҳну андешаи халлоқи худи шоир ғунҷоиш меёбад.

**Тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ.** Муҳимтарин шеваи таҷассуми тасвири парадоксӣ ҳангоми баён ё тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ ба назар мерасад. Шоирон дар ин ҳолат ба ҷилва овардани ҳолоти равонӣ ва отифаҳои инсонӣ аз ин навъ тасвирҳо ба кор мегиранд.

**Тазод ва таноқуз дар баён**. Аз муҳимтарин шеваҳои эҷоди тасвири парадоксӣ истифодаи мафоҳими ба ҳам зид дар шеър мебошад, ки боис ба зуҳури тасвири парадоксӣ мегардад. Мусаллам аст, ки асли парадокс таноқуз аст. Аз ин хотир, дар бештари мавориди барои зуҳури тасвири парадокснамо саноеи тазод ва муқобала ва ҳамзамон муболиға авлавият дорад, зеро дар чунин ҳоли муқобилгузории мафоҳим худ аз худ муболиға низ арзи ҳастӣ мекунад.

**Ҳиссомезӣ.** Бештари донишмандон дар мавриди асли зухур ва моҳияти бадеии ҳисомезӣ ба андешаҳои устод Шафеии Кадканӣ такя намудаанд Зоҳиран ин амалкард низ ғайриимкон аст, вақте инсон мегӯяд, ки бо чашм шунидан ё садоро бӯйидан ин мутаноқузнамо метавонад бошад.

**Боби сеюми диссертатсия –** “Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик” (давраи истиқлолият) ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

**Фасли якуми боби сеюм** “Нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён” унвон гирифтааст.

Шоирони имрӯзи тоҷик барои тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори хеш суннатҳои хоси баёни тасвири парадоксиро идома додаанд. Баробари ин, дар қолиби анвои шеъри суннатӣ ва нав таҷрибаҳои нодире дар офариниши тасвири парадоксӣ ба сомон расонидаанд, ки боис ба таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии ашъори эшон гардидааст.

**Фасли дуюми боби сеюм** “Тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари имрӯзи тоҷик” ном дорад. Барои рушди шеъри даврони истиқлолияти тоҷик саҳми Гулрухсор, Фарзона, Шаҳрияи Атҳамзод, Меҳринисо, Зулфия Атоӣ, Гулноз ва дигарон хеле бузург аст ва бо итминон метавон таъкид дошт, ки як тамоюли хуби шеъри хубони порсигӯ дар шеъри даврони истиқлоли кишвар шакл гирифтааст, ки тамоми махсусиятҳои шеъри ин давраро фаро гирифтааст.

**Натиҷаи таҳқикро** метавон дар таълифи корҳои илмӣ-пажӯҳиши марбут ба улуми адабиётшиносӣ, назарияи адабиёт, инчунин барои таҳияи мавод дар омӯзиши масъалаҳои адабиётшиносӣ ва семинарҳои махсуси абабиётшиносӣ ташкили машғулиятҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва хонандагони синфҳои боло истифода бурд.

**Саҳми бевоситаи муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки дар он заминаҳои зуҳури тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик ва нақши онҳо дар таҳаввули маъноиву ҳунарии каломи суханварон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Фароҳам сохтан ва нақду баррасии маводи илмӣ вобаста ба ашъори шоирони муосири тоҷик барои дар сатҳи матлуб бардоштани тасвири парадоксӣ ва идомаи суннатҳои хоси шеъри классикии тоҷик бо далелҳои муътамади илмӣ ҳаллу фасл ёфтааст.

Таҳлилҳои назарии анҷомёфта дар асоси омӯзиши таълифоти донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки дар рисола ҷой гирифтаанд, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои ҳосилнамуда, дар таъйини вижагиҳои ашъори дорои тасвири парадоксӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хусусун давраи

нави ташаккули адабиёти муосири тоҷик, саҳми шахсии муаллифро оид ба мавзуи интихобнамудааш инъикос менамояд.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи нуктаҳои мазкур якчанд мақолоти илмиро ба табъ расонида, дар конференсияҳои сатҳҳои мухталиф суханронӣ кардааст ва маводи пажуҳишашро дар дарсҳои назариявию амалӣ низ истифода бурдааст.

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 7-уми декабри 2022 дар бораи ба Ризобоева Наргис Мамадкаримовна додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатстионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.00.- Адабиётшиносӣ (10.01.08. - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**
**“Тарафдор**”- “13” нафар (“1” нафар ба тариқи маҷозӣ (онлайн));
**“Зид” -** “нест”;
**“Варақаи беэътибор” -** “нест”.

**Раиси маҷлиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илми филология, профессор** **Ҳасанзода А.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илми филология, дотсент** **Шарипова М. З.**

**7-уми декабри соли 2022**